# ФАРМОИШИ
# РЕКТОРИ ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

аз «25» 05 соли 2022 №120-09 ш. Душанбе

## ДАР БОРАИ ТАҲИЯ ВА ТАСДИҚИ САРБОРИИ ТАЪЛИМИИ ҲАЙАТИ ОМӮЗГОРОНИ ДОНИШГОҲ БАРОИ СОЛИ ТАҲСИЛИ 2022-2023

Мутобиқи банди 143-и «Низомномаи намунавии муассисаи таълимии таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон», талаботи «Дастурамал оид ба таҳияи сарбории таълимии ҳайати омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон» (Қарори мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 майи соли 2017, №7/36), "Низомномаи докторантура аз рӯи ихтисос ва Стандарти давлатии докторантура аз рӯи ихтисос " (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25.02.2017, №93) бо мақсади омода намудани ҳисоби воҳиди корӣ (штатҳо)-и кафедраҳо, пурра гардонидани онҳо аз ҳисоби ҷойҳои холӣ (вакансия) ва муайян кардани сарбории таълимии ҳайати омӯзгорони кафедраҳои донишгоҳ барои соли таҳсили 2022-2023

## ФАРМОИШ МЕДИҲАМ:

1. Садорати факултетҳо, мудирони кафедраҳои тахассусӣ ва умумидонишгоҳӣ вазифадор карда шаванд, ки ҳисоби воҳиди кори (штатҳо)-и кафедраҳоро барои соли таҳсили 2022-2023 таҳия ва барои баррасӣ ба раёсати таълим пешниҳод намоянд.
2. Раёсати таълим вазифадор карда шавад, ки ҳисоби воҳиди кори (штатҳо)-и мудирони кафедраҳо пешниҳоднамударо баррасӣ намуда, ба ҷаласаи Шӯрои олимони донишгоҳ барои муҳокима ва тасдиқ пешниҳод намояд.
3. Ҳисоби соатҳои кафедраҳо ва ҳаҷми сарбории умумии омӯзгорони Донишгоҳ бо назардошти иҷро намудани тамоми шаклҳои корҳои таълимӣ, таълимӣ-методӣ, илмӣ-таҳқиқотӣ, иҷтимоӣ-тарбиявӣ ва илмӣ-эҷодӣ, ки аз вазифаҳои ишғолнамудаи онҳо, нақшаҳои таълимии ихтисосҳои роиҷи донишгоҳӣ (бакалавриат, мутахассис, магистратура, докторантура аз рӯи ихтисос (доктори фалсафа (PhD)), шаклҳои амалкунандаи таҳсил (рӯзона, ғоибона (таҳсилоти олии дуюм), фосилавӣ), нақшаҳои корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ва иҷтимоӣ-тарбиявии ихтисосҳои амадкунандаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон бармеоянд, муқаррар карда шавад.

4. Ҳуҷҷати муайянкунандаи сарбории умумии омӯзгорони Донишгоҳ нақшаи инфиродии омӯзгорон, ки он тибқи меъёрҳои «Дастурамал оид ба таҳияи сарбории таълимии ҳайати омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва нақшаи корҳои таълимӣ-методӣ, илмӣ-таҳқиқотӣ ва иҷтимоӣ-тарбиявии кафедраҳо аз ҷониби ҳар як омӯзгор барои як соли таҳсил тартиб дода мешавад, ҳисобида шавад.

5.Ба сарбории таълимии ҳайати омӯзгорони кафедраҳои тахассусӣ ва умумидонишгоҳӣ новобаста аз вазифа (профессор, дотсент, муаллими калон, ассистент) соатҳои фаъол ва ғайрифаъол барои як соли таҳсил ба тарзи зайл ба нақша гирифта шаванд:

5.1.соатҳои фаъол-дарсҳои лексионӣ, амалӣ, семинарӣ, лабораторӣ, корҳои мустақилонаи донишҷӯ бо роҳбарии омӯзгор ва гузаронидани машварат бо хатмкунандагон;

5.2.соатҳои ғайрифаъол-соатҳо барои қабули имтиҳонҳои фосилавӣ ва ниҳоӣ, роҳбарии таҷрибаомӯзиҳо, корҳои илмӣ-таҳқиқотии магистр, докторантура аз рӯи ихтисос (доктори фалсафа (PhD), кор (лоиҳа)-ҳои курсӣ, корҳои дипломӣ, корҳои хатми бакалаврӣ, рисолаҳои магистрӣ, докторантура аз рӯи ихтисос (доктори фалсафа (PhD) ва аъзогии комиссияи аттестатсионии хатм.

6.Ҳаҷми сарбории таълимӣ вобаста ба дараҷа ва унвони илмӣ (профессор, дотсент, муаллими калон, ассистент) барои 1,0 воҳиди корӣ дар соли таҳсили 2022-2023 (ба истисноси омӯзгорони кафедраи тарбияи ҷисмонӣ) ба тарзи зайл муқаррар карда шавад:

| № | Вазифа, дараҷа ва унвони илмӣ | Ҳаҷми сарбории таълимии: | | | | Сарбории умумӣ | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | фаъол | | ғайрифаъол | | | |
| | | соат | кредит | соат | кредит | соат | кредит |
| 1 | Профессор, доктори илм | 384 | 16 | 168 | 7 | **552** | **23** |
| 2 | Профессор, номзади илм | 408 | 17 | 168 | 7 | **576** | **24** |
| 3 | Дотсент, номзади илм | 432 | 18 | 168 | 7 | **600** | **25** |
| 4 | Дотсент, бе унвони илмӣ | 432 | 18 | 168 | 7 | **600** | **25** |
| 5 | Муаллими калон, номзади илм | 432 | 18 | 168 | 7 | **600** | **25** |
| 6 | Ассистент, номзади илм | 456 | 19 | 168 | 7 | **624** | **26** |
| 7 | Муал. калон, бе унвони илмӣ | 456 | 19 | 168 | 7 | **624** | **26** |
| 8 | Ассистент, бе унвони илмӣ | 480 | 20 | 168 | 7 | **648** | **27** |

6.1.Қисми дуюми сарбории омӯзгорони донишгоҳ дар шакли иҷро намудани корҳои таълимӣ-методӣ, илмӣ-таҳқиқотӣ, иҷтимоӣ-тарбиявӣ ва илмӣ-эҷодӣ пешбинӣ гардида, ҳаҷми иҷро намудани онҳо барои 1,0 воҳиди корӣ дар як соли таҳсил 31 кредит (ё 744 соат) муқаррар карда шавад;

6.2.Сарбории таълимии омӯзгорони кафедраи умумидонишгоҳии тарбияи ҷисмонӣ барои 1,0 воҳиди корӣ дар ҳаҷми 32 кредит (768 соат) муайян карда шавад.

7.Ҳисоби соатҳои кафедраҳо ва сарбории умумии омӯзгорон бо кредит (ё соатҳои академӣ) ба роҳ монда шуда, барои ҳисоби соатҳои кафедра ва сарбории умумии омӯзгорон 1 кредит дар ҳаҷми 24 соати академӣ муқаррар карда шавад.

8.Ҳангоми банақшагирии сарбории ғайрифаъоли таълимӣ имкониятҳои кафедра ва махсусияти фанҳои таълимӣ ба таври зайл ба инобат гирифта шавад;

8.1. дар ҳолати бо назардошти махсусияти фанҳои таълимӣ пурра нагардидани сарбории таълимии ғайрифаъоли омӯзгорони кафедраҳои умумидонишгоҳӣ, аз ҷумла кафедраҳои умумидонишгоҳии илмҳои ҷомеашиносӣ ва кафедраҳои забонӣ, мудирони кафедраҳо метавонанд ин қисмро аз ҳисоби кредитҳои сарбории фаъол пурра гардонанд.

9.Ба сарбории таълимии ҳайати омӯзгорони кафедраҳои тахассусӣ ва умумидонишгоҳӣ тибқи нақшаҳои таълимии ихтисосҳои зинаҳои таҳсилот (бакалавриат, мутахассис, магистратура, докторантура аз рӯи ихтисос (доктори фалсафа (PhD)) ва шаклҳои таҳсил (рӯзона, ғоибона, фосилавӣ) барои тадриси фанҳои тахассусӣ (курсҳо, семинарҳо ва практикумҳои махсус), соатҳо барои назорат ва баҳодиҳӣ ба корҳои мустақилонаи донишҷӯён бо роҳбарии омӯзгор, қабули имтиҳонҳои фосилавӣ ва ниҳоӣ, гузаронидани машваратҳо барои хатмкунандагон (лексияи хулосавӣ), роҳбарии кор (лоиҳа)-ҳои курсӣ, корҳои хатми бакалавр, рисолаҳои магистрӣ, роҳбарӣ ба таҷрибаомӯзиҳо, корҳои илмӣ-таҳқиқотии магистр ва аъзогӣ дар комиссияи аттестатсияи хатм муқарраргардида, дохил карда шавад.

10.Ҳаҷми сарбории умумии омӯзгорони кафедраҳо тибқи қонунгузории амалкунанда бо назардошти сарфи воқеии вақт, ки дар шакли бақайдгирӣ дар табели корӣ назорат карда шуда, дар як соли таҳсил (44 ҳафта, ба истиснои 8 ҳафтаи рухсатии меҳнатӣ) ба таври умумӣ, новобаста аз вазифа, дараҷа ва унвони илмӣ барои 1,0 воҳиди корӣ 64 кредит (1536 соат) муқаррар карда шавад ва иҷрои корҳои зеринро дар бар гирад:

- машғулиятҳои аудиторӣ (хондани лексия, гузаронидани дарсҳои лабораторӣ, амалӣ, семинарӣ ва корҳои мустақилонаи донишҷӯ бо роҳбарии омӯзгор) –384 соат ё 16 кредит (25%);
- машғулиятҳои ғайриаудиторӣ (қабули рейтингҳои академӣ ва имтиҳонҳои ниҳоӣ, гузаронидани мусоҳибаҳо, роҳбарии кор ва лоиҳаҳои курсӣ, рисолаҳои хатми бакалавр, рисолаҳои дипломии мутахассис, рисолаҳои илмии магистрҳо, докторантура аз рӯи ихтисос (доктори фалсафа (PhD) ва аъзои комиссияҳои аттестатсияи хатм) –168 соат ё 7 кредит (11%);
- корҳои мустақилонаи донишҷӯ бо роҳбарии омӯзгор берун аз ҷадвали машғулиятҳои дарсӣ (пешниҳод ва тасдиқи мавзуъҳои корҳои мустақилонаи донишҷӯён, назорати вазъи иҷрои корҳои мустақилона аз ҷониби донишҷӯён, қабул ва баҳодиҳӣ ба корҳои мустақилонаи донишҷӯён –240 соат ё 10 кредит (16%);
- корҳои таълимӣ-методӣ, илмӣ-таҳқиқотӣ, иҷтимоӣ-тарбиявӣ ва илмӣ-эҷодӣ –744 соат ё 31 кредит (48%).

10.1.Сарбории таълимии омӯзгорони Донишгоҳ (соатҳои фаъол, ғайрифаъол ва корҳои мустақилонаи донишҷӯ бо роҳбарии омӯзгор берун аз ҷадвали машғулиятҳои дарсӣ), ки барои як воҳиди корӣ 33 кредитро ташкил медиҳад, ҷиҳати муайян намудани ҳаҷми музди меҳнати онҳо ҳамчун асос истифода карда шавад.

10.2. Реҷаи кории кормандони асосии кафедраҳо бо назардошти иҷрои корҳои таълимӣ, таълимӣ-методӣ, илмӣ-таҳқиқотӣ, иҷтимоӣ-тарбиявӣ ва илмӣ-эҷодӣ дар як ҳафта дар ҳаҷми 35 соат муайян карда шавад.

11.Ҳангоми тақсимоти сарбории таълимӣ соатҳои кафедра дар байни ҳайати кормандони асосӣ (штатӣ), ҳамкорони дохилӣ (штатӣ) ва ҳамкорони берунӣ (ғайрштатӣ, дар шакли соатбайъ) тақсим карда шуда, барои як сол ба нақша гирифта шавад.

12.Қабули ҳамкорони дохилӣ ва беруна ба ҳайси профессор, дотсент, муаллими калон ва ассистент, ки дар сохторҳои роҳбарӣ, кафедраҳо, воҳидҳои дигари сохтории донишгоҳ ва вазорату идораҳои беруна ҳамчун корманди асосӣ дар ҳаҷми 1,0 воҳиди корӣ фаъолият менамоянд, бо фармоиши ректор танҳо барои як соли таҳсил дар ҳаҷми 0,25-0,5 воҳиди корӣ ба вазифаи профессор, дотсент, муаллими калон ва ассистент ба кор қабул карда шаванд.

13.Қабули омӯзгорон дар шакли ҳамкорони дохилӣ ва берунӣ дар ҳаҷми 0,75 воҳиди корӣ ба тариқи истисно (муваққтан) танҳо дар асоси иҷозати раёсати донишгоҳ ба роҳ монда шавад.

14.Барои омӯзгорони тариқи ҳамкор дар кафедраҳо дар ҳаҷми 0,25 ё 0,5 воҳиди корӣ ба кор қабулгардида, дар баробари иҷрои корҳои таълимӣ ва методӣ, ҳамчунин иҷрои корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ, иҷтимоӣ-тарбиявӣ ва илмӣ-эҷодӣ ба нақша гирифта шавад.

15.Соатҳои корҳои мустақилонаи донишҷӯ бо роҳбарии омӯзгор, ки дар ҷадвали дарсӣ гузошта нашудаанд, яке аз шаклҳои корҳои таълимию методии омӯзгор ҳисобида шуда, дар ҳаҷми як воҳиди корӣ ба сарбории таълимии омӯзгор дохил нашуда, ҳамчун сарбории қисми дуюм ба ҳисоб гирифта, пардохтнашаванда ҳисобида шаванд.

16.Корҳои мустақилонаи донишҷӯ, магистр, доктор PhD (КМД ва КММ) тарзи фаъол ва мақсадноки аз худ намудани дониш, ташаккул додани малака ва маҳорати сермаҳсули эҷодии донишҷӯ бе иштироки фаъоли омӯзгор дар ин раванд ҳисобида шуда, ба сарбории омӯзгор дохил нашуда, пардохтнашаванда ҳисобида шаванд.

17.Барои муайян намудани ҳаҷми намудҳои дигари корҳои таълимӣ, ки ба соатҳои таълимии ғайрифаъоли омӯзгорони кафедра ворид карда мешаванд, вобаста ба вазифа, дараҷа ва унвонҳои илмӣ риояи талаботи меъёрҳои зерин муқаррар карда шавад:

-қабули имтиҳони ниҳоӣ тариқи тестӣ бо истифода аз компютер-4 соат ба як гурӯҳи академӣ;

-қабули имтиҳони ниҳоӣ бо тарзи хаттӣ-0,2 соат ба як донишҷӯ;

-қабули имтиҳони ниҳоӣ бо тарзи шифоҳӣ-0,4 соат ба як донишҷӯ;

-қабули корҳои назоратӣ (барои шаклҳои таҳсили ғоибона ва таҳсилоти фосилавӣ)- 0,75 соат ба як донишҷӯ;

-иштирок дар Комиссияи аттестатсияи хатм барои р[illegible]с ва аъзо-0,5 соат ба як донишҷӯ, магистр ва доктор PhD;

-роҳбарӣ ба корҳои курсии фаннӣ- 2 соат ба як донишҷӯ;

-роҳбарӣ ба корҳои курсии тахассусӣ-3 соат ба як донишҷӯ;

-роҳбарӣ ба таҷрибаомӯзии таълимӣ-36 соат ба як гурӯҳ дар як ҳафта;

-роҳбарӣ ба таҷрибаомӯзии истеҳсолӣ, пешаздипломӣ ва роҳбарӣ ба таҷрибаомӯзии пешазхатмкунии шакли таҳсили фосилавӣ тибқи талаботи нақшаҳои таълимӣ бо воҳиди кредитӣ муқаррар карда шавад;

-роҳбарӣ ба таҷрибаомӯзии педагогӣ дар курси 3-юми ихтисосҳои равияи омӯзгорӣ-24 соат ба як донишҷӯ, аз ҷумла, 16 соат дар сарбории таълимии омӯзгорон дар давраи таҷрибаомӯзӣ;

-ба роҳбари гурӯҳӣ (фаннӣ) -12 соат ба як донишҷӯ;

- ба методисти фанни педагогика-2 соат ба як донишҷӯ;

- ба методисти фанни психология -1 соат ба як донишҷӯ;

- ҳамчунин, барои як донишҷӯ дар таҷрибаомӯзии мазкур мудири шуъбаи таҷрибаомӯзӣ ва кор бо мутахассисони ҷавон масъул аст, ки берун аз сарбории омӯзгорони донишгоҳ, ба директори муассисаи таълимӣ-0,5 соат, ба омӯзгори фаннӣ-6 соат, ба роҳбари синф- 1 соат, ба масъули таҷрибаомӯзӣ -0,5 соат;

-роҳбарӣ ба таҷрибаомӯзии педагогӣ дар курси 4-уми ихтисосҳои омӯзгорӣ-36 соат ба як донишҷӯ, аз ҷумла, 24 соат дар сарбории таълимии омӯзгорон дар давраи таҷрибаомӯзӣ;

- ба роҳбари гурӯҳӣ (фаннӣ) -18 соат ба як донишҷӯ;

- ба методисти фанни педагогика-3 соат ба як донишҷӯ;

- ба методисти фанни психология-2 соат ба як донишҷӯ;

-ҳамчунин, барои як донишҷӯ дар таҷрибаомӯзии мазкур берун аз сарбории омӯзгорони донишгоҳ ба директори муассисаи таълимӣ - 0,5 соат, ба омӯзгори фаннӣ- 9 соат, ба роҳбари синф- 1,5 соат, ба масъули таҷрибаомӯзӣ -1 соат;

-роҳбарӣ ба таҷрибаомӯзии илмӣ-педагогӣ ва таҷрибаомӯзии илмӣ-таҳқиқотии магистр 72 соат (3 кредит) дар як нимсола барои як гурӯҳ дар давраи таҷрибаомӯзӣ (18 соат дар як ҳафта);

-роҳбарӣ ба рисолаи хатмкунии бакалавр 18 соат ва рисолаи дипломии мутахассис -16 соат ба як донишҷӯ;

-роҳбарӣ ба рисолаи илмии магистр-36 соат ба як магистрант дар давраи таҳсил;

- роҳбарӣ ба рисолаи як доктори PhD- 96 соат барои як соли таҳсил;

-хондани лексия-1 соат (50 дақиқа) барои як гурӯҳи академӣ ё ба гурӯҳҳои академии якҷоя (патокҳо) вобаста ба кредитҳои нақшаи таълимӣ;

-гузаронидани машғулиятҳои амалӣ ва семинарӣ 1 соат ба як гурӯҳи академӣ вобаста ба кредитҳои нақшаи таълимӣ;

-гузаронидани машварат барои хатмкунандагон - 10 соат барои як фанни таълимӣ;

-барои роҳбарӣ ба кори илмӣ-таҳқиқотии магистр 96 соат дар як нимсолаи таҳсил (192 соат дар як соли таҳсил) барои як гурӯҳи академӣ ба роҳбари илмии магистр;

-роҳбарӣ ба кори илмӣ-таҳқиқотии магистр 96 соат дар як нимсола;

18.Роҳбарӣ ба корҳои курсӣ ва рисолаи хатми бакалавр, кори дипломии мутахассис ва рисолаи илмии магистр байни омӯзгорони кафедра вобаста ба вазифа ва унвонҳои илмӣ ба таври зайл ба нақша гирифта шавад:

18.1. роҳбарӣ ба корҳои курсӣ;

-роҳбарӣ ба корҳои курсӣ барои профессор 20-25 нафар (мутаносибан дар ду семестр);

-роҳбарӣ ба корҳои курсӣ барои дотсент 15-20 нафар (мутаносибан дар ду семестр);

-роҳбарӣ ба корҳои курсӣ барои муаллими калон 10-15 нафар (мутаносибан дар ду семестр);

-роҳбарӣ ба корҳои курсӣ барои ассистент бо собиқаи илмӣ-омӯзгории на камтар аз ду сол то 10 нафар (мутаносибан дар ду семестр).

18.2. роҳбарӣ ба кори хатмкунию дипломӣ ва рисолаи магистрӣ;

- ба профессор–то 8 нафар;
- ба дотсент– то 7 нафар;
- ба муаллими калони унвондор – то 6 нафар;
- ба муаллими калони беунвон – то 4 нафар;
- ба ассистент – то 2 нафар.

19.Ба омӯзгорони кафедраҳои тахассусӣ ва умумидонишгоҳӣ, ки берун аз факултет ва ихтисоси худ сарбории таълимӣ иҷро менамоянд, новобаста аз вазифа, дараҷа ва унвони илмӣ пайи ҳам банақшагирӣ ва иҷрои сарбории таълимӣ дар як ихтисос зиёда аз 2 сол иҷозат дода нашавад.

20.Дар сурати дар кафедра нарасидани кадрҳои дорои дараҷа ва унвони илмӣ ба тариқи истисно ба ассистентҳо барои зиёда аз 6 кредит (144 соат) гузаронидани (хондани лексия) машғулиятҳои лексионӣ бо қарори Шӯрои олимони донишгоҳ иҷозат дода шавад.

21.Ҳаҷми сарбории таълимии дар шакли соатбайъ аз ҷониби ҳайати кормандони асосӣ (штатӣ)-и кафедраҳои донишгоҳ ва ҳамкорони беруна (соатбайъҳо) иҷрошаванда ва пардохти музди меҳнати онҳо бо назардошти вақти воқеии сарфкардашуда то 10 кредит (240 соат) ба нақша гирифта шавад.

22.Теъдоди донишҷӯён барои гузаронидани шаклҳои гуногуни машғулиятҳои дарсӣ (лексия, машғулятҳои семинарӣ, амалӣ, лабораторӣ ва таҷрибаомӯзии таълимӣ) дар гурӯҳҳои академӣ- 25 нафар ва дар зергурӯҳҳо – 12 (13) нафар муқаррар карда шавад:

22.1.бо назардошти дар натиҷаи қабул, хориҷ, барқарор ва интиқоли донишҷӯён пурра нагардидан ё аз меъёри муқарраргардида зиёд шудани теъдоди онҳо, ба таври истисно барои муайян намудани теъдоди донишҷӯён дар гурӯҳҳои академӣ – аз 19 то 34 нафар (вобаста

ба журнали гурӯҳ) ва дар зергурӯҳҳо-аз 9 то 18 нафар ба нақша гирифтани сарбории таълимӣ барои омӯзгорон иҷозат дода шавад.

23.Раёсати таълим, садорати факултетҳо, мудирони кафедраҳои тахассусӣ ва умумидонишгоҳӣ вазифадор карда шаванд:

23.1. ҳангоми тартиб додани воҳидҳои корӣ (штатҳо) ва тақсими соатҳо дар байни аъзоёни кафедра нақшаи қабули довталабонро барои соли таҳсили 2022-2023, теъдод (контингент)-и донишҷӯёни шуъбаҳои рӯзона, таҳсилоти фосилавӣ, магистратура, доктор PhD ва таҳсилоти дуюми олии ихтисосҳои амалкунандаи факултетҳоро ба сифати дастур қабул намоянд;

23.2.зимни ҳисоби миқдори соатҳо ва тақсими сарбории солонаи таълимии ҳайати омӯзгорон талаботи «Низомномаи намунавӣ оид ба муассисаи таълимии таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Низомномаи таҷрибаомӯзии педагогии муассисаҳои таҳасилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Низомномаи низоми кредитии таҳсилот дар муассисаи таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Низомномаи аттестатсияи хатм», «Дастурамал оид ба таҳияи сарбории таълимии ҳайати омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон», инчунин талаботи фармоиши мазкурро ба инобат гиранд;

23.3.раванди таълим дар шуъбаҳои рӯзона, таҳсилоти фосилавӣ, магистратура, доктор PhD ва таҳияи сарбории солонаи таълимии ҳайати омӯзгоронро барои соли таҳсили 2022-2023 аз рӯи нақшаҳои таълимии зерин пешбинӣ намоянд;

23.3.1.барои донишҷӯёни ихтисосҳои шуъбаи рӯзона нақшаҳои амалкунандаи таълимии дараҷаи академии «бакалавр» ва «мутахассис» (кори табобатӣ, кори тиббии ташхисӣ, дорусозӣ), ки Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2018 (курсҳои 3 ва ҳамчунин 4,5 ва 6-и ихтисоси кори табобатӣ) тасдиқ намудааст;

23.3.2.барои донишҷӯёни курси 2-юми ихтисосҳои шуъбаи рӯзона нақшаҳои амалкунандаи таълимии дараҷаи академии «бакалавр» ва «мутахассис» (кори табобатӣ, кори тиббии ташхисӣ, дорусозӣ), ки Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2021 тасдиқ намудааст;

23.3.2.барои донишҷӯёни курси 2-юми шакли таҳсили фосилавӣнақшаҳои таълимии тасдиқи соли таҳсили 2021-2022 ва барои курсҳои 3 ва 4 нақшаҳои таълимии соли 2017 тасдиқшуда;

23.3.3.барои донишҷӯёни курси 1-уми шуъбаи рӯзона ва шакли таҳсили фосилавӣ лоиҳаи нақшаҳои таълимии тасдиқи соли 2022;

23.3.4.барои донишҷӯёни шуъбаи ғоибонаи маълумоти дуюми олӣ, барои курсҳои 1,2 ва 3 нақшаҳои таълимии тасдиқи соли 2018;

23.3.5.барои курсҳои 1-ум ва 2-юми зинаи таҳсилоти магистратура нақшаҳои таълимие, ки соли 2018 тасдиқ шудаанд;

23.3.6.барои бахши докторантура аз рӯи ихтисос (доктори фалсафа (PhD) нақшаҳои таълимии тасдиқ соли 2018 ва 2017.

24.Барои ҳисоб кардани сарбории таълимӣ барои магистрантҳо вобаста ба талаботи «Низомнома оид ба тайёр намудани магистрҳо

дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон» ба сифати дастур нишондодҳои зерин қабул карда шавад:

24.1.роҳбарӣ ба рисолаи магистрӣ дар як соли таҳсил 36 соат, тақриз ба рисолаи магистрӣ 4 соат, роҳбарӣ ба кори курсии магистрӣ 8 соат муқаррар карда шавад;

24.2.гурӯҳҳои академӣ дар магистратура аз 5 то 15 нафар ба нақша гирифта шаванд.

25.Мудирони кафедраҳои тахассусӣ ва умумидонишгоҳӣ ҳангоми тақсими соатҳо-лексияҳои гурӯҳҳои академии якҷоя (патокҳо) 75-100; 100-125 нафариро ба нақша гирифта, дар сурати аз 100-125 нафар зиёд шудани шумораи донишҷӯён курс ба ду гурӯҳ (гурӯҳҳои академии якҷоя (паток)) тақсим карда шавад.

26.Ба мудирони кафедраҳо супориш дода шавад:

26.1.дар асоси ҳисоби воҳидҳои корӣ (штатҳо)-и таҳияшуда, сарбории солонаи таълимӣ (танҳо аз ҳисоби соатҳои дарсҳои лексионӣ, машғулиятҳои семинарӣ-амалӣ, машғулиятҳои лабораторӣ, дарсҳои обзорӣ, таҷрибаҳои таълимӣ, омӯзгорӣ, истеҳсолӣ, қабули санҷишҳои фосилавию имтиҳонҳои ниҳоӣ, гузаронидани машвартҳо, аъзои КАХ)-и кафедраро байни воҳидҳои кории ҳайати омӯзгорони кафедра тақсим ва дар мувофиқаи садорати факултет ва тасдиқи муовини аввал, муовини ректор оид ба таълим барои баррасӣ ба раёсати таълим пешниҳод намоянд:

26.2.номгӯи курсҳои махсус (зиёда аз 5 сол) ва семинарҳои махсус (зиёда аз 2 сол)-ро, ки аз ҷониби омӯзгорон таълим дода мешаванд ва аз ҷиҳати мазмун ва муҳтаво аҳамияти илмӣ ва амалии худро гум карданд аз нав омода намуда, ба раёсати таълим пешниҳод намоянд;

26.3.ҳуҷҷатҳои заруриро дар бораи омӯзгорони ҳамкори ғайриштатӣ ва соатбайъи берунаи кафедра бо тасдиқи ҳатмии садорати факултетҳо ва кафедраҳои умумидонишгоҳӣ дар мувофиқа бо сарпарастон (ҷувздони алоҳида, шартномаи меҳнатӣ, PMC-и омӯзгор ва нусхаи PMA) ба раёсати таълим пешниҳод намоянд;

26.4.ҳайати омӯзгорони кафедраҳо то рӯзи рухсатии меҳнатӣ рафтан бояд аз раёсатҳои таълим, илм ва навоварии техникӣ, Шӯрои илмию методӣ ва дигар сохторҳои дахлдор ҳисоботи ҷамъбастии фаъолияти таълимӣ, илмӣ ва тарбиявӣ (дар сурати сарпарасти гурӯҳи академӣ будан)-ро гузаронанд;

26.5.дар мувофиқа бо раёсати таълим ва мудирони кафедраҳо то оғози соли таҳсили 2022-2023 ҳамаи ҳуҷҷатҳои омӯзгорони донишгоҳро вобаста ба сарбории таълимӣ санҷида, онҳоро ба низом дароваранд;

26.6.соатҳои дар ҳисоби штатҳо ба нақша гирифташударо мутобиқи меъёрҳои мавҷуда пурра (бо назардошти он ки тақсими соатҳои таълимӣ дар шакли таҳсили фосилавӣ танҳо дар байни омӯзгорони штатӣ ва донандаи хуби технологияи иттилоотию иртиботӣ, ба роҳ монда мешавад) байни омӯзгорони кафедра тақсим намоянд;

26.7.маълумотномаро оид ба иҷрои сарбории моҳонаи таълимии омӯзгорони соатбайъ ва ҳамкори ғайриштатӣ то 20-уми ҳар моҳи

тақвимӣ ба раёсати таълим (бо тасдиқи садорати факултетҳои дахлдор) пешниҳод намоянд.

27.Ба сардори раёсати таълим супориш дода шавад, ки нақшаи тасдиқшудаи қабули соли 2022-2023, теъдоди донишҷӯёни курсҳои 2-4-(курсҳои 5 ва 6-и ихтисосҳои кори тиббии ташхисӣ, дорусозӣ, кори табобатӣ)-и ҳамаи шаклҳои таҳсили донишгоҳиро саривақт ба садорати факултетҳо ва мудирони кафедраҳои умумидонишгоҳӣ ирсол намояд.

28.Садорати факултетҳо вазифадор карда шаванд:

28.1.фармоиши мазкурро нусхабардорӣ намуда, ба кафедраҳои тахассусии факултет ирсол намоянд;

28.2.мутобиқи қарори Шӯрои олимони факултет фармоиши дохилии садорати факултетро оид ба интихоби курсҳо ва фанҳои интихобии донишҷӯён (барои бахшҳои нақшаҳои таълимӣ, нисбат ба ҳар як курс, ихтисос, шакл (рӯзона, магистратура, таҳсилоти фосилавӣ ва докторантура аз рӯи ихтисос (доктори фалсафа (PhD)) ва забони таҳсил (русӣ, тоҷикӣ, англисӣ) дар алоҳидагӣ, тақсими донишҷӯён ба гурӯҳҳои тахассусӣ, лабораторияҳои тахассусӣ, таҷрибавӣ ва тақсими байникафедравии корҳои курсӣ, рисолаҳои хатм ва магистрӣ ба раёсати таълим (сарпарастони факултетҳо) пешниҳод намоянд.

29.Ба муовини ректор оид ба масъалаҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ ва сардори раёсати муҳосибот супориш дода шавад, ки ҳангоми тақсими сарбории омӯзгорони кафедраҳои донишгоҳ раёсати таълим, садорати факултетҳо ва мудирони кафедраҳои умумидонишгоҳиро бо ашё ва лавозимоти зарурии дафтардорӣ таъмин намоянд.

30.Сарбории дуюми омӯзгор, ки аз иҷрои корҳои таълимӣ, таълимӣ-методӣ, илмӣ-таҳқиқотӣ, иҷтимоӣ-тарбиявӣ ва илмӣ-эҷодӣ иборат аст ва ба сарбории дуюми омӯзгор, бе пардохти маблағ ба нақша гирифта мешавад, ба таври зайл банақшагирӣ карда шавад:

30.1.нақшаҳои инфиродии омӯзгорони кафедраҳо, ки тамоми шаклҳои корҳои таълимӣ, таълимӣ-методӣ, илмӣ-таҳқиқотӣ, иҷтимоӣ-тарбиявӣ ва илмӣ-эҷодиро дар бар мегирад, ҳаҷми умумии сарбории омӯзгор дар он ба миқдори 64 кредит (ё 1536 соат) муқаррар шудааст ва ҳангоми иҷрои сарбории таълимӣ иҷрои қисми дуюми сарборӣ ба миқдори 31 кредит (ё 744 соат);

30.2.иҷрои корҳои таълимӣ-методӣ ба миқдори 216 соат ҳангоми қабули ҳисоботи соли таҳсил аз омӯзгорони кафедра дар нақшаи инфиродии омӯзгор ба таври зайл талаб карда шавад;

- таҳияи китоби дарсӣ – 40 соат, барои 1 ҷилди чопӣ;
- таҳияи дастуру воситаҳои таълимӣ- 30 соат;
- таҳияи барномаи кории фан (силлабус)-20 соат;
- таҳияи матни лексияҳо- 30 соат;
- таҳияи супоришҳои тестии электронӣ барои қабули имтиҳони ниҳоии фанни таълимӣ (на камтар аз 100 саволномаи тестӣ барои 1 кредит)-30 соат;
- таҳия ва истифодаи маводи таълимии мултимедӣ- 50 соат;
- коркарди маводҳои электронии таҳсилоти фосилавӣ-50 соат;

ги

-ташкил ва гузаронидани онлайн конференсия, онлайн семинар бо иштироки омӯзгорон барои донишҷӯёни низоми таҳсилоти фосилавӣ-20 соат;

-коркарди маҷмӯи видео-лексияҳо ва маҷмӯи корҳои виртуалии лабораторӣ аз фанни таълимӣ-50 соат;

-коркарди дастуру воситаҳои электронии таълимии дорои элемент (хусусият)-ҳои мултимедӣ ва усулҳои фаъоли таълим-70 соат;

-коркарди китобҳои дарсии электронӣ бо грифи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон-100 соат;

-иштирок дар кори Шӯрои илмию методии донишгоҳ ва факултет дар ҳайати гурӯҳҳои корӣи факултет ва донишгоҳ-20 соат;

-таҳияи фанҳои таълимӣ ба забони англисӣ барои ихтисосҳои ғайрифилологӣ-80 соат;

-гузаштан аз курсҳои такмили ихтисос бо дарёфти сертификат-20 соат;

-нашри мақолаҳои ташвиқотӣ ва мусоҳиба дар шабакаҳои радио ва телевизионӣ-10 соат;

-иштирок дар ташкил ва гузаронидани олимпиадаҳои фаннии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ-20 соат.

31.Шуъбаи бақайдгирии ҳуҷҷатҳо вазифадор карда шавад, ки фармоиши мазкурро нусхабардорӣ намуда, ба раёсати таълим, раёсати муҳосибот, маркази тестӣ ва технологияҳои инфоматсионӣ ва таҳсилоти фосилавӣ, садорати факултетҳо, кафедраҳои умумидонишгоҳӣ ва сохторҳои дахлдори донишгоҳӣ ирсол намояд.

32.Назорати иҷрои фармоиши мазкур ба уҳдаи муовини аввал, муовини ректор оид ба таълим Собирзода Н.М. вогузор карда шавад.

Асос:Талаботи нақшаҳои таълимӣ ва дастури раёсати донишгоҳ

Ректор Хушвахтзода Қ.Х.